# Фишурдаи Матбуотӣ

## Қадамҳои самараноки Тоҷикистон баҳри итмоми амалиётҳои озодсозии замин аз мина

*Душанбе ва Женева, 17 сентябри соли 2013* – ҳайати расмии ҳукумати Тоҷикистон, Созмони Милал ва дигар тавсиягарони байналмилалӣ дар ҷаласа, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардидааст дар шаҳри Душанбе ҷамъ омаданд. Ҷаласаи мазкур баҳри муайян сохтани самтҳои афзалиятноки фаъолият бо мақсади устувор кардани мавқеи Тоҷикистон барои иҷроиши ӯҳдадорие, ки ҳангоми аъзошавӣ ба Аҳдномаи Манъи Минаҳои Зиддипиёдагард ё Аҳдномаи Оттава имзо намуда буд бахшида шудааст. Ҳангоми ҳамроҳшавӣ дар соли 1999, Тоҷикистон ваъда дода буд, ки ҳамаи минаҳои заминиро то соли 2010 таҳти назорати қонунии худ нобуд месозад, аммо, аз сабаби заҳрорлудшавии васеи минаҳои заминӣ Тоҷикистон дархостро барои давом додани мӯҳлати амалиётҳои поксозии мина ба муддати даҳ сол то 1 апрели соли 2020 пешниҳод намуд.

“Тоҷикистон бо 187 минтақаи минадор дар сарҳади Тоҷикистон-Афғонистон ва 13,5км$^2$ дар минтақаи марказӣ аз минаҳои заминӣ зарардида ба ҳисоб меравад, ки бояд масоили зарурӣ ба назар гирифта шавад”, ибрози ақида намуд Музаффар Ашуров, сардори шӯъбаи кафолатҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандони дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. “Мо ба Иттиҳоди Аврупо барои ташкили чунин ҷаласа изҳори миннатдорӣ баён менамоем. Муайян намудани қадамҳои оянда барои Тоҷикистон муҳим буда барои бартараф намудани оқибатҳои зараровар ташаббус ва ба нақшаи миллии безарарсозии минаҳо ворид сохтани тағирот зарур аст.”

“Ҷаласаи дурӯза барои дастгирии Тоҷикистон доир ба ҷамъбасти натиҷаҳое, ки дар самти минаҳои заҳролудшуда иҷро шуда буданд, бо фаъолиятҳои боқимонда чӣ бояд кард ва таҳияи нақшаи фарогир баҳри иҷроиши ӯҳдадориҳои худ то мӯҳлати охирин равона карда мешавад. Агар ҳамаи шарикон якҷоя баҳри як такон камари ҳиммат бананд дар он сурат корро метавон пештар аз мӯҳлати муқарраршуда 1 апрели соли 2020 ба итмом расонид,” ибрози ақида намуд Хуан Карлос Руан, муттахасиси Амалиёти Зидди Минаҳо оид ба Шӯъбаи Дастгирии Татбиқнамоии Аҳдномаи Оттава, ки ҷаласаро дастгирӣ менамояд.

Ҷаласа дар робита бо Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ), ки ба Тоҷикистон дар коҳиш додани оқибатҳои зараровари иҷтимоӣ ва иқтисодии минаҳои заминӣ ва муҳимоти нотаркида, ки ба соҳаи иқтисодиёт ва тандурустӣ зараровар ҳастанд кӯмак мерасонад ташкил карда шудааст. “Манотиқи аз минаҳо тозашуда дастрасиро ба заминҳои кишт баланд бардошта сатҳи камбизоатиро дар байни ҷамоаҳои дурдаст паст мегардонад,” гуфт мӯҳтарам Александр Зуев, Намояндаи Доимии СМ дар Тоҷикистон. “Бо ин мақсад, БРСММ барои вусъат додани кӯшишҳои милликунони Маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо дар кишвар кӯмак мерасонад.” Александр Зуев қайд намуд, ки ин амал дар розигӣ бо Президенти Тоҷикистон дар моҳи феврали соли равон тасдиқ гардида буд. “БРСММ дар якҷоягӣ бо шарикони асосӣ ва дигар ҳамкорон барои милликунонииояндаи Маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо дастгирии техникӣ, қонунӣ ва молиявӣ мерасонад.”

Маблағгузорӣ барои ҷаласа ин қисми дуввуми Шӯрои Қарорбарории Иттиҳоди Аврупо барои дастгирии Аҳднома ва ҳадафи башардӯстонаи он барои паст кардани азобу уқубатҳои минаҳои зиддипиёдагард мебошад.

###

Барои маълумот бештар оид ба амалиёти зидди минаҳо дар Тоҷикистон ба Парвиз Мавлонқулов муроҷиат намоед: 221 66 87, parviz.mavlonkulov@undp.org

**Anti-Personnel Mine Ban Convention Implementation Support Unit**